«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
д.и.и., дотсент ____________ Асрорзода У.С.
«___» ________________2023 сол

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

***ба диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика пешниҳод шудааст.***

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар заминаи Феҳристи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба бандҳои: 5. Равишҳои методологӣ ва методӣ нисбат ба масоили иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии соҳаи саноат ва энергетика. Қонуниятҳо ва тамоюли амалкард ва рушди соҳаи саноат ва энергетика, 11. Асосҳои назариявӣ ва методии таъминоти рақобатпазирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ, ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотивазкунанда ва ба саноат нигаронида шуда, 12. Ҷойгирсозӣ, принсипҳои ташкил ва баландбардории самаранокии истеҳсолоти саноатӣ ва энергетикӣ, 15. Сиёсати саноатӣ ва энергетикӣ: механизмҳои таҳия, татбиқ, назорат. Идоракунии ислоҳотҳои сохторӣ дар саноат ва энергетика, 24. Ташаккулёбӣ ва рушди сохторҳои кластерӣ дар саноат ва энергетика, тавсеаи инфрасохтори инноватсионии рушди саноат ва энергетика. Муаммоҳо ва дурнамои рушди кластерҳо дар саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ, 33. Моделҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва идоракунии корхонаҳои саноатӣ ва энергетикӣ. Арзёбии самаранокии рақамикунонии равандҳои идоракунӣ ва технологӣ дар корхонаҳои саноат ва комплекси сӯзишворию-энергетикӣ. Таҳияи стратегияҳои рақамӣ дар саноат ва энергетика, 35. Асосҳои назариявӣ ва методии ташаккулёбӣ ва рушди истеҳсолоти саноатии воридотиивазкунанда ва ба содирот нигаронида шуда мутобиқат менамояд.

**Мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқот.**

Иқтисодиёти мамлакатҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ба таври куллӣ ба самти нақши босуръати маҳсулоти илмталаб ва технологияҳои замонавӣ, ки аз онҳо сатҳи рақобатпазирии на танҳо соҳаи одии саноат, балки иқтисодиёти миллӣ дар умум вобастагӣ дорад, тағйир ёфта истодааст. Дар оянда ин ҳолат метавонад ба тағйирёбӣ ба сохтор ва андозаи сармояе, ки ба иқтисодиёти давлат гузошта мешавад, оварда расонад.

Мақсад аз таҳлили такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати мамлакат, шаклҳои асосии он ва дар умум танзими

давлатии соҳаи мазкур ин ҷустани роҳҳои такмилдиҳии соҳаи саноати миллӣ мебошад.

Фикру ақидаҳо дар бобати нақши саноат дар иқтисодиёт ва саноатикунонии босуръати иқтисодиёти кишвар аз замони истиқлолият аз тарафи олимони ватанӣ ва ҳатто хориҷӣ таҳлилҳо гузаронида мешавад. Бахусус, ҳиссаи саноат дар ҳаҷми ММД яке аз масъалаҳои мубрам ва муайянкунандаи дараҷаи рушди иқтисодиёти кишвар мебошад. Маҳз чунин ақидаҳои чандин сола илман асоснок карда шуда буд, ки зарурияти эълон намудани соҳаи рушди босуръати саноат ба яке аз ҳадафҳои чоруми стратегии миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардид.

Умуман, саноатикунонии босуръати иқтисодиёт ин гузариш аз соҳаи аграрӣ ба соҳаи афзалиятноки саноатӣ мебошад, яъне нишондиҳандаи асосии саноатикунонии мамлакат ин ба даст овардани даромади бештар аз ҳисоби ташкили корхонаҳои саноатӣ мебошад. Раванди саноатикунонии босуръати иқтисодиёт бо истифодаи технологияи муосир дар самтҳои саноат, энергетика, металлургия ва мошинсозӣ алоқаманд мебошад ва он навгониҳои илмие, ки аз тарафи ӯнвонҷӯ илман асосноккардашуда пешниҳод гардидааст метавонад дар иҷрои ҳадафҳои чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат намояд.

**Сатҳи асоснокии навовариҳои илмӣ, хулоса ва тавсияҳо.** Навгониҳои илмии таҳқиқотро муайян намудани муаммоҳои такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноат, инчунин коркарди механизми баланд бардоштани ҳавасмандкунии он ташкил медиҳад. Муҳимтарин муқаррароти таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба ҳайси навгонӣ пешниҳод мешавад, инҳоянд:

- равишҳои назариявии ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ҳамчун системаи фаъолияти алоқаманд, ки ба амалигардонии тадбирҳои приментивии рушди бахши саноатӣ равона гардида, фарогири дарки принсипҳои ҷойгиркунӣ, тахассусият, кооператсия, ҳамгироӣ ва кластеркунонии соҳа буда, бо мақсади таъмини ҳамоҳангкунии рушди саноат ва бо дарназардошти қонуниятҳои тамоюлҳои рушди саноат дар тартиби технологияш, ки барои ба ҳадафҳои стратегии рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ноил гардидан имконият фароҳам оварда метавонад, муайян карда шудаанд;

- тавсифи қонуниятҳои рушди соҳаи саноат дар замони муосир асоснок карда шудаанд, ки нақш ва аҳмияти омили «инноватсия»-ро ҳамчун драйвери калидии тағйиротҳои судманд ва гузаштан ба тартиботи технологии нави босифати рушди иқтисодӣ муайян месозад. Ҳамзамон дар пешниҳоди таърифи муаллифӣ тартиби технологӣ дар ҳолати мавҷудияти тамоюлҳои ҷаҳонии печидагӣ ва мураккабии фазои иттилоотӣ ҳамчун сатҳи нави рушди системаи саноате, ки аз дараҷа ва сатҳи талаботи истеъмолӣ ва некӯаҳволии аҳолӣ вобаста намебошад, пешниход мешавад;

- самтҳои асосии мукаммалсозии сиёсати саноатӣ дар мисоли кишварҳои рушдкунанда, ки равиши кластериии ташкили истеҳсолоти саноатиро хамчун шакли афзалиятноки низомнокии он дар назар доранд, ки бо дарназардошти таъминшавии ҳадафҳои дохилӣ, мақсад, принсипҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ, ки ба ноил гардидан ба параметрҳои рақобатпазирии системаи саноати миллӣ равона гардидаанд, муайян шудаанд;

- тамоюлҳои тавсифии рушди бахши саноати Тоҷикистон ҳамчун системаи кушодаи алоқамандиҳои соҳаҳои мухталиф, ки рушди динамикиашон (новобаста аз тренди мусбати нишондиҳандаҳояш дар солҳои охир) тавассути камбудии таъминоти методии равандҳои идораи давлатӣ, норасоии захираҳои сармоягузорӣ, рушд наёфтани асосҳои инфрасохтории ҳамкориҳои миёни илму истеҳсолот ва ғ. муайян карда шудаанд, ки дар маҷмуъ қафомондагии технологии он аз сатҳи муосирро афзун мекунад;

- механизмҳои самараноки амалисозии сиёсати саноатии дорои тағйиротҳои ниҳодӣ дар сохтори идораи соҳа, ки ба самти таъмини ҳамкориҳои судманди мақомотҳои гуногуни давлатӣ равона гардидаанд, бо дарназардошти унсурҳои зерин пешниҳод мегарданд:

- ✓ амалисозии комплекси тадбирҳои ташаккулёбии кластерҳои минтақавии саноатӣ;
- ✓ коркарди механизми рушди консепсияи воридотивазкунӣ дар бахши саноати иқтисодиёти Тоҷикистон, ки дорои алгоритми амалисозии пайдарпайи табдирҳои ташкилӣ, иқтисодӣ ва маъмурии дастгирии истеҳсолкунандаи ватанӣ дар бозорҳои дохиливу хориҷӣ мебошад;
- ✓ тавассути моделсозии риёзӣ муайян кардани қимматҳои ояндабинии нишондиҳандаҳои асосӣ дар даварҳои дарозмуддат.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявӣ-методии ташаккули системаи саноат ва рушди соҳаҳои саноатӣ»** – асосҳои назариявии фаъолият ва рушди системаи саноати кишвар ва проблемаҳои коркард кардани сиёсати саноат дар он, равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноат ва тараққиёти техникӣ-инноватсионии ҳамчун унсури рушди сиёсати саноатӣ барраси шудаанд (саҳ. 14-63).

Дар боби мазкур қайд гардидааст, ки бештари корхонаҳои ватанӣ на танҳо бо кухна будани фондҳои асосиашон рӯ ба рӯ гардидаанд, балки сохтори идоракунии онҳо ба талаботи муосир ҷавобгӯ нестанд, вале бо ҳар роҳу восита кӯшиш менамоянд, ки аз усулҳои гуногуни иқтисодӣ истифода намуда, ба шароитҳои муосир мутобиқ шаванд. Ба ин ваҷҳ онҳо усулҳоеро, ба монанди кам нишон додани маблағҳои дар гардиш буда, афзоиш додани қарзҳо, напардохтани андозҳо, мавқуф гузоштани пардохтҳо тибқи ӯҳдадориҳояшон, ба иҷора додани моликияти худ ва дигар намудҳоро истифода менамоянд, ки одатан фоидаи кӯтоҳмуддат доранду самараи стратегӣ надоранд (саҳ. 14).

Диссертант дар асоси ақидаҳои назари олимони ватанӣ ва хориҷӣ таъкид менамояд, ки сиёсати саноатӣ ва ё бо дигар ибора сиёсат дар соҳаи саноат – ин маҷмӯи ташаббусҳо ва таҷҳизотҳои бо дигар шаклҳои сиёсат алоқаманде мебошад, ки аз ҷониби давлат ҳамҷоя бо субъектони хоҷагидорӣ роҳандозӣ карда шуда, барои рушд додани иқтидори саноати кишвар, бартараф кардани монеъаҳои рушд, мукаммал гардонидани сохтори иқтисодиёти миллӣ, ташаккул додани истеҳсолот ва маҳсулоти рақобатпазир, таъмин намудани афзалиятнокӣ ва сармоягузорӣ дар тамоми сохторҳои саноатӣ, таъмин намудани бехатарии иқтисодии равандҳои саноатии кишвар ва минтақаҳои он равона мегардад (саҳ. 20-21).

Дар зербоби 1.2 муаллиф равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори системаи саноатро мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода якчанд равишҳои гуногуни муайян кардани мафҳуми «тартиби технологӣ», ки ҳар як равиш дорои аломати ҳам мусбат ва ҳам манфӣ мебошад, ки он аз кушишҳои таърифи муҷтамаъ додани муаллифон берун меояд ва воқеияти он, ки муаллифон дар таҳқиқотҳояшон дар баробари пешниҳод кардани таърифи гуногун ба якчанд гурӯҳ ҷудо шудаанд, шаҳодат аз он медиҳад ки, пеш аз ҳама, омӯзиши ин мафҳум мураккаб буда, баъдан дар пояи донишҳои назариявии маллифон гуногунандешӣ ба назар расида, мавҷудияти ақоиди ягона вобаста ба ин мафҳум ба назар намерасад. Гузашта аз ин, дар доираи илмӣ ҳатто мафҳуми ягонаи истилоҳҳои асосӣ (бунёдӣ) ба монанди технология ва инноватсия низ мавҷуд нест. Аммо бояд дар назар дошт ва мутмаин буд, ки инъикоси нисбатан пурра (фарогир) ва аниқтари мафҳуми «тартиби технологӣ» ба ташкили таъсиррасонии фишангҳо ба рушди техникӣ бо мақсади баланд бардоштани некӯаҳволии ҷамъият ёрӣ мерасонад (саҳ. 37).

Инчунин, муаллифи диссертатсия қайд мекунад, ки тағйиротҳои технологию саноатие, ки дар асрҳои XX ва XXI ба вуҷуд омадаанд бо ду раванди ба ҳам алоқаманд бархӯрд доранд, ки яке зуд фарсуда шудани технологияҳо ва дигаре бошад, танг гаштани мавқеи технологияҳои дуюмдараҷа ва фарсудашудаи аз марказҳо дур ҷойгиршуда, ки дар онҳо ҳам музди меҳнати кормандон кам буда, ҳам захираҳои табиияшон камарзиш мебошанд. Барои ҳамин ҳам дар байни соҳаҳои маъмулӣ бо маблағҳояшон, ки асоси некӯаҳволии ҳудудҳои кишвар мебошанд ва намудҳои пешсафи фаъолиятҳое, ки ба иқтидори рушд дар сатҳҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, иҷтимоӣ ва ғ. такон медиҳанд, барқарор намудани мутавозунӣ зарур мебошад (саҳ. 43).

Дар зербоби 1.3 диссертант кӯшиш ба харҷ додааст, ки нишондиҳандаҳои рушди техникию инноватсиониро, ки ҳамчун унсури муҳим дар самти сиёсати саноатӣ арзёби карда шудааст, таҳил намудааст (саҳ. 49-64).

Дар зербоби мазкур, диссертант қайд намудааст, равишҳои муайян намудани қувваи асосии такондиҳандаи рушди иқтисодӣ ва нақши сиёсати саноатӣ дар ин раванд, истифодаи амалии онро, ки дар корҳои

муҳаққиқон дарҷ гардидаанд, мавриди омӯзиш қарор дода, чунин хулоса намудан мумкин аст, ки одатан тавсифи рушди ин ё он кишвар метавонад танҳо бо гузаштани лаҳзаҳои муайяни вақт, ки барои арзёбаи самаранокии чорабиниҳои сиёсати саноатӣ заруранд, муайян гардад. Мутаассифона мавҷудияти механизмҳо ва чораҳои муайян дар дастурҳои кории иқтисодии ҳукумат самаранок будани онҳоро исбот намекунад, яъне бо ибораи дигар ҳар стратегияи муайяни рушдеро, ки ҳукуматҳои миллӣ пешниҳод менамоянд, маънои онро надорад, ки маҳз ҳамин механизме, ки ба он такя карда мешавад, татбиқшаванда аст ва маҳз ҳамин механизми интихобшуда ҳаракатдиҳандаи асосии рушд мебошад (саҳ. 50).

**Боби дуюм «Таҳлили тамоюлҳои рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** унвон гирифта, дар он таҳлили омории тағйирёбии нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои саноати кишвар мавриди таҳлил истифода шудаанд (саҳ. 64-110).

Муаллифи диссертатсия соҳаҳои гуногуни саноати кишварро омӯхта қайд мекунад, ки корхонаҳои бузурги саноатии кишвар иқтидори инноватсионӣ ва азнавсозии техникиву технологиии хешро пурқувват намуда, асоси ташаккулёбии системаи саноати кишварро ташкил карда истодаанд. Бояд тазаккур дод, ки барои баҳогузорӣ намудани иқтидори системаи саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, то таҳлили қиёсии минтақавию сохтории соҳаҳои саноат гузаронида шавад ва он метавонад ангезаҳои бартариятдор ва сусти соҳаҳои муҳимми иқтисодиётро муайян намояд. Аз ҷумла ҷанбаҳои мавқеи ҷории соҳаи саноат ва тамоюлҳои рушди онро метавон арзёбӣ кард (саҳ. 65).

Диссертант дар ҷадвали 2.2. ҳиссаи ММС бо фоиз дар ҳаҷми ММД ва МММ- и Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо нархҳои мутобиқи солҳо, млн. сомонӣ) дар давраҳои 2010-2021 таҳлил намуда, ишора ба он мекунад, ки истеҳсолоти минтақаҳои ҷудогонаи кишвар паст гардида, захираҳои мавҷудбуда ба таври назаррас ва самаранок истифода нагардидаанд. Ҳамзамон далолат ба он мекунад, ки механизмҳои иқтисодии мавҷудаи ҳавасмандагрдонӣ ва дастгирикунандаи рушди соҳаҳои саноати тамоми минтақаҳои кишвар бояд таҷдид карда шаванд ва ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар асоси амалисозии татбиқи навовариҳо дар идоракунӣ, дар маъмурият, дар менеҷмент гузаронида шавад, то ки таносубҳои байни марказ ва минтақаҳо ба таври беҳтарин ба роҳ монда шаванд. Дар ин замина бояд дар назар дошт, ки нақши мустақилияти корхонаҳои бузург ва минатақавӣ дар худи маконҳои фаъолият ва мустақилона ба роҳ мондани фаъолиятҳои дохиливу берунии ташкилотҳо дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ низ муҳим мебошад (саҳ. 67-68).

Ҳамчунин муаллиф иброз дорад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон корхонаҳои бузурги саноатие рушд карда истоданд, ки дар заминаҳои фаъолияти онҳо ва дар бахши рушди стратегии онҳо нақши асосиро технологияҳои нав, рақамикунонии истеҳсолот, ҷустуҷӯ ва пайдо намудани роҳҳои нави тиҷорат дар шароитҳои номуайянии бозор бояд бозӣ кунад, ки ин омилҳо дар самтҳои сохтори ташкилии

корхонаҳои саноатӣ ва самтҳои интихоби моделҳои тиҷоратӣ таъсир хоҳанд расонид (саҳ. 81)

Дар зербоби 2.3 қайд карда мешавад, ки таҳлили қиёсии бахшҳои инноватсионӣ ва ғайриинноватсионии соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати кишвар нишон дод, ки соҳаи истихроҷ нисбатан аҳамиятнокии иҷтимоӣ дошта, соҳаи коркард бошад самаранокии иқтисодиии калонтар дорад. Ҳаҷми истеҳсолот ва ҳаҷми сармоягузориҳо дар бахши коркард нисбатан зиёд буда, ҳамчунин ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар як коргар дар бахши коркарди саноат бештар мебошад. Аз рӯи шумораи шуғлмандон низ саноати коркард пешсаф буда, шумораи бахши инноватсионии он низ тамоюли афзуншавии сол ба сол дорад (саҳ. 108).

Ҳамчунин муаллиф қайд мекунад, ки банақшагирӣ ва ташаккулдиҳии сиёсати саноатии кишвар бояд ба консепсияҳои тартиботҳои технологӣ асос ёфта, масъалаҳои калидие, ки ба мақсадҳои гузошташаванда мусоидат мекунанд, таҷдиди назар шаванд (саҳ. 110).

**Боби сеюм – «Самтҳои стратегии такомули муҷтамаъҳои саноатӣ ва сиёсати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон»** – номгузорӣ карда шуда, дар он методикаи ташаккулёбиии стратегияи рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои мукаммалгардонии механизмҳои рушди сиёсати саноатӣ ва соҳаҳои саноат ва бо истифода аз модели иқтисодӣ-риёзӣ фаъолият ва самаранокии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳил карда шудаанд (саҳ. 111-163).

Диссертант дар зербоби 3.1. тазаккур медиҳад, ки дар маҷмуъ ҳангоми коркарди стратегия равандҳои пешбинии рушди илмиву технологии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди ичтимоиву иқтисодии субъектони муҷтамаъҳои саноатӣ дар давраҳои дарозмуддат, стратегияи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии онҳо, ҳамчунин ҳуҷҷатҳои стратегии соҳавии рушди илмиву технологӣ муайян гардида, бо тамоюлҳои ҷаҳонии рушди илмиву технологӣ муқоиса карда шуда, самтҳо ва мақсадҳои асосии рушди илмиву технологии муҷтамаъҳои саноатӣ, интизорҳои рушди технологии саноат дар минтақаҳо аниқ карда мешаванд (саҳ. 124).

Диссертант дар зербоби 3.2. вобаста ба инъикоси муҳтавои модели консептуалии рушди сиёсати саноатӣ ва рушди вордотивазкунии саноат дар доираи механизмҳои равнақёбии воридотивазкунии системаи саноат қайд мекунад, ки пеш аз ҳама, иқтисодиёти инноватсионӣ ба идора ва танзими давлатӣ, инчунин ба назарияи кластерӣ такя мекунад. Ба ин ваҷҳ пешниҳоди нуктаҳои муҳимми равнақдиҳии сиёсати саноатӣ ва, дар ин замина, рушд ёфтани системаи саноатӣ, методологияи ташкили унсурҳои ба онҳо мусоидаткунандаро ироа месозем, ки ба мақсади дар таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда мувофиқ мебошад: идора ва танзими давлатӣ, кластеркунонии субъектҳои соҳаи саноат, гуногунсамт кардани ҷалби сармоягузориҳо ва маблағгузориҳои корхонаҳои саноатӣ, (саҳ. 136-150).

Диссертант дар зербоби 3.3. диссертатсия намудааст, ки дар ҳолати ба маротиб афзоиш ёфтани нишондиҳандаҳое, ки ба рушди бахши саноат алоқамандии зич доранд, метавонанд ба бахши саноат

такони ҷиддӣ диҳанд. Аз натиҷаҳои таҳлили дар моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ истифодашуда бармеояд, ки дар раванди ташкили сиёсати саноатӣ ва равандҳои кластеркунонии саноат, пеш аз ҳама, ба таъмини кифояи сармоягузорӣ ва таҷдидсозии фондҳои асосӣ диққати махсус бояд дод. Дар баробари таъсири омилҳои зикргардида ва рушд ёфтани омили аслӣ дигар омилҳо, ба монанди содирот, даромади буҷети давлатӣ мутаносибан афзун мешаванд, ки ба сатҳу сифати иқтисодиёти миллӣ таъсиргузор мегарданд (саҳ.162).

**Саҳми илмии довталаб дар коркарди масъалаи илмӣ ва аҳаммияти он.** Саҳми шахсии муаллиф дар асоснок намудани ҷанбаҳои назариявӣ-методии таҳқиқи такмили ташаккулёбии сиёсати саноатӣ ва низоми саноат дар доираи назарияиҳои илмӣ, коркарди қиёсии додаҳои оморӣ, муайянсозии равишҳои технологии таъсиррасонӣ ба сохтори низоми саноат ва роҳҳои тараққиёти техникӣ-инноватсионии саноат, дар доираи гузариш ба тартиботи технологии навини муосир, таҳқиқи вазъи муосир ва муайян кардани тамоюлҳои рушд, заминаҳои асосии ташкили низом инноватсионии саноат ва такмили ташаккули низом ва сиёсати саноат, таҳияи модели маҷмуазвии коррелиятсионӣ ва регрессионии корхонаҳои саноатӣ ва татбиқи усулҳои арзёбии фаъолият ва самаранокии онҳо, инчунин тавсияҳои мушаххаси муаллиф вобаста ба татбиқи роҳу равишҳои ба низом ва сиёсати саноатӣ таъсиррасон ифода меёбад.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** аз хулосаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, принсипҳои аз тарафи муаллиф пешниҳод шуда, равишҳо ва механизмҳо ҳамчун асоси коркарди масъалаҳои мукаммалсозии сиёсати саноатӣ ва амалисозии самараноки он дар мисоли системаи саноати кишварҳои рушдкарда иборат аст.

Муқаррароти назариявии таҳқиқот, равишҳои методологӣ, тавсия ва пешниҳодҳои илмиии таҳқиқот доир ба самаранокии системаи саноатӣ ва такомули сиёсати саноатӣ дар фаъолияти амалии Вазорати саноат ва технологияҳои навини Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ҳангоми омӯзиши курсҳои «Иқтисодиёти корхонаҳо», «Иқтисодиёти саноат», ва «Асосҳои фаъолияти инноватсионии корхона» мавриди иифода қарор гирифта метавонанд.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулосаву тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Дар рафти омӯзиш ӯнвонҷӯ мақсади таҳқиқот, вобаста ба муҳиммияти таҳқиқот муайян намудани объект ва предмети таҳқиқот, вазифагузории асосноккунии равишҳои назариявӣ-методии такмили сиёсати саноатӣ ва коркарди тавсияҳои амалии самаранокона амалӣ сохтани он дар мисоли системаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон, навгониҳои имлии ба дастомада, инчунин бо хулосаву пешниҳодҳои илман асосноккардашуда таҳқиқоти худро асоснок намудааст.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодабарии усулҳои гуногуни илмӣ-назариявӣ, маълумотҳои расман эътирофгардида

дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, таҳлил ва хулосагирии маълумотҳои оморӣ, назариявӣ, риёзӣ, абстрактии натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси омӯзиши илмӣ ва натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудааст.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқот.** Диссертант истифода аз таҳлили асарҳои таҳқиқгарони ватанию хориҷӣ, ки ба омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили сиёсату низоми саноат, истифодаи самаранокии бахшҳои саноатӣ нигаронида шудаанд, асоси методологии таҳқиқотро истифода аз маҷмуи усулҳои муосири таҳлил ва синтез, инчунин усулҳои дигар ба монанди абстрактӣ-мантиқӣ, иқтисодӣ-оморӣ, графикӣ, арзёбии қиёсӣ, иқтисодӣ-риёзӣ ваояндабинӣ муайян намудааст.

**Эродҳо ва баъзе пешниҳодҳо доир ба диссертатсия:**

1. Дар рафти омӯзиши таҳқиқот таҳлилҳои олимони зиёде ба назар мерасад, аммо дар зербоби 1.1.-и диссертатсия асарҳои олимони ватанӣ камназир мебошанд, ки истифодаи васеъи онҳо шарҳи назариявию методии таҳлилҳоро ғанӣ мегардонид;

2. Таҳлилҳое, ки дар боби дуюми дисертатсия оварда шудаанд, сатҳи рушди соҳаҳои саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра инъикос намекунанд ва ҷадвалҳои таҳлилӣ таҳрирталаб мебошанд;

3. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионии худ аксаран истилоҳи “инноватсияи саноатӣ”-ро истифода намудааст, аммо маълумотҳои мавҷудбуда шарҳи бештарро талаб менамоянд;

4. Дар зербоби 3.3. аз тарафи муаллиф истифода бурдани модели риёзӣ-иқтисодӣ бараъло мушоҳида мегардад, аммо боз ҳам таҳқиқоти илмӣ беҳтар мегардид, агар бо истифода аз ин модел фаъолият ва самаранокии корхонаи машахасси саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда мешуд;

5. Барои боз ҳам баланд гардидани арзиши илмии диссертатсия хуб мешуд, агар дар доираи боби сеюм нишондиҳандаҳои мултипликатор ва акселератори саноатӣ барои иқтисодиёти миллӣ ҳисоб карда мешуд;

6. Дар диссертатсия ва автореферати он оид ба ҷанбаҳои гуногуни сиёсати саноатӣ қайд гардидааст, вале агар унвонҷӯ оид ба Нақшаи амалиётии рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 низ таҳлилҳои мушаххас гузаронида, хулосагирӣ менамуд, ба сифати кори илмӣ ҳусн мебахшид;

7. Дар таҳқиқоти илмӣ дар ҷадвали 3.11. истифода аз моделсозии иқтисодӣ-риёзӣ нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, бахусус маҳсулоти саноатӣояндабинӣ (пешгӯӣ) карда шудааст, аммо нишон дода нашудааст, ки оё инояндабинӣ ба иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ – саноатикунонии босуръати кишвар мусоидат менамояд;

8. Дар матни диссертатсия баъзе ғалатҳои имлоӣ ба назар мерасанд.

Дар маҷмуъ камбудиҳои ҷойдошта арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва хусусияти тавсиявӣ доранд.

**Тасдиқи инъикоси натиҷаҳои кори диссертатсионӣ дар нашрияҳои илмӣ.** Аз рӯи маводи тадқиқотшудаи диссертатсия 22 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 9 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 178 номгӯйро дарбар мегирад, 14 расм, 33 ҷадвал иборат мебошад. Кори диссертатсионӣ дар маҷмуъ 196 саҳифаи чопи компютериро дарбар гирифтааст.

**Мутобиқати автореферат ба муқарраroти асосии диссертатсияи илмӣ.** Автореферат ва мақолаи илмӣ ба табъ расидаи унвонҷӯ таркиби асосии диссертатсияро дарбар гирифта, натиҷаҳои таҳқиқотро ҳамчун дастоварди нави илмӣ ҳисобидан мумкин аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда.** Чуноне аз шиносоӣ бо муҳтавои асноду мадорики пешниҳоднамудаи унвонҷӯ бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Довталаби дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна ба талаботи бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, № 295 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**Хулосаи умумӣ оид ба кори диссертатсионӣ.** Умуман, диссертатсия дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика ба талаботҳои муқарраршуда мутобиқ буда, кори илмии асоснокгардидаи ба итмом расида ҳисобида шуда, дорои ҳалли масъалаи аҳамияти соҳавидошта ба шумор рафта, муаллифи он Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

**Ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими диссертатсия.** Диссертатсияи Аскарова Санавбархон Султонхоҷаевна дар мавзуи «Такмили сиёсати саноатӣ ва таъсири он ба рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ, дар сатҳи зарурии илмӣ иҷро гардида, ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34, 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295) мувофиқ мебошад. Муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисоси 6D050607 – Иқтисодиёти саноат ва энергетика мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №4/6.1, аз 10-уми ноябри соли 2023).

*Натиҷаи овоздиҳӣ:*

*Иштирок дошт - 17 нафар омӯзгорон, аз ҷумла 14 нафар номзадону докторони илм;*

*Ҳуқуқи овоз доданро дорад – 13 нафар номзадону докторон;*

*(Роҳбари илмии унвонҷӯ д.и.и., дотсент Низомов С.Ф. ҳуқуқи овоз доданро надорад).*

*"Тарафдор" - 13 нафар; "зид" – нест; "бетараф" – нест.*

**Раисикунандаи ҷаласа:**
н.и.и., дотсенти кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Саидова М.С.

**Тақризро омода намуд:**
н.и.и., дотсент, мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Сафоев А.К.

**Котиби ҷаласа:**
омӯзгори калони кафедраи назарияи иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ Аҳмадова М.Ф.

Имзоҳои Саидова М.С., Сафоев А.К. ва Аҳмадова М.Ф.-ро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Ш.Н.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 48/5.
Тел: (+ 992 37) 2348800; Web: www.iutet.tj. E-mail: dsx_ips@mail.ru